25-умин солгарди Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистонро дар хамаи кисму вохидхои низомӣ ва сохтору макомоти идории Куввахои Мусаллахи кишварамон химатчиёни харбӣ бо шукӯху шахомати хоса чашн гирифтанд .

Ба ин муносибат, дар Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиаи Чухурии Точикистон чорабинии идона доир гардид, ки зимни он масъулин бо маърӯзахои табрикотӣ суханронӣ намуданд. Кобили зикр аст, ки Ташкилоти чамъияти мададгори мудофиа хамасола барои эхтиёчоти Куввахои Мусаллахи чумхурӣ чавонони зиёдеро сохибкасб гардонида, барои мудофиаи Ватан равона месозад.

Ин аст, ки зимни ин чорабинии идона доир ба масоили химояи марзу буми сарзамини ачдодӣ, тарбияи чавонон дар рӯхияи ватанпарастӣ, садокат ба Ватан ва омодагии доимӣ ба мухофизати он, изхори назар карда шуд.

Дар ин замина кайд гардид, ки бо чалби хайати шахсӣ пайваста вохӯриву мулокотхои собикадорони чангу мехнат ташкилу ба рох монда мешавад. Дар интихои чамъомад ба афтихори чашни Истиклолияти давлатӣ, чанде аз хзматчиёни харбии ташкилот бо медалу ифтихорномахо ва мукофотхои пулӣ кадрдонӣ карда шуданд. Хамин гуна чорабинихои чашнӣ бахшида ба 25-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон дар тамоми кисму вохидхои Вазорати мудофиа бо тантана чашн гирифта шуд.